**ХУЛОСАИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № _____
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 30 декабри соли 2023, таҳти №40.

Бораи сазовор донистани Негматов Баҳодур Сафарович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Негматов Баҳодур Сафаровичро дар мавзуи «Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ» аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар таърихи 14.10.2023 сол, суратмаҷлиси №35 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Негматов Баҳодур Сафарович 06-уми октябри соли 1987 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2005 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2010 хатм кардааст. Баъди хатми донишгоҳ аз соли таҳсили 2010-2011 то соли 2013 ба сифати муаллими кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли таҳсили 2013-2014 бошад, то ба ҳол ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Аз 26-уми марти соли 2014 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисосҳои ҳимояшаванда ба тариқи буҷавӣ қабул гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Мирзамонзода Хайрулло Мирзамон** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҳамроев Шуҳратҷон Садирович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон;

**Қобилов Ботурхоҷа Қобилхоҷаевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва муқовимат ба

коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар сардори кафедраи амнияти иттилоотӣ ва технологияҳои рақамии факултети №5 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия Арипов А.Л омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия Нарзуллозода С.С. ва котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия Муҳитдинзода М.Н. имзо ва аз ҷониби сардори Академияи ВКД Ҷуҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Ф.Р. санаи 12.12.2023 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1. Негматов, Б.С. Правовая природа и особенности упрощенного порядка судебного следствия в уголовном судопроизводстве [Текст] / Б.С. Негматов // Законодательства. – 2019. – №2 (34). – С. 86-92; ISSN 2410-2903.

2. Гафуров, Х.М., Негматов, Б.С. К вопросу об упрощенном порядке судебного следствия [Текст] / Х.М. Гафуров, Б.С. Негматов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – №1. – С. 229-231; ISSN 2074-1847.

3. Негматов, Б.С. «Инъикоси падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар санадҳои ҳуқуқӣ (ҷанбаи таърихӣ-ҳуқуқӣ)» [Матн] / Б.С.

Негматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №5. – С. 247-253; ISSN 2074-1847.

4. Негматов, Б.С. «Тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ – намуди пешбурди соддакардашудаи судӣ» [Матн] / Б.С. Негматов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷалаи илмӣ-амалӣ). – 2022. – №3 (23). – С. 253-263; ISSN 2414 9217.

5. Мирзамонзода, Х.М., Негматов, Б.С. Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ бо мурофиаҳои соддакардашудаи судӣ дар баъзе кишварҳои хориҷӣ [Матн] / Х.М. Мирзамонзода, Б.С. Негматов // Қонунгузорӣ. – 2023. – №2 (50). – С. 149-157; ISSN 2410-2903.

6. Негматов, Б.С. Асосҳои ҳуқуқии ба амал баровардани тафтиши соддакардашудаи судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.С. Негматов // Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар ҶТ (Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ) / Зери таҳрири Маҳмудов И.Т. ва Сафаров А.И. – Душанбе: Империал-Групп, 2015. – С. 253-260.

7. Негматов, Б.С. Тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар заминаи эҳтимолияти бегуноҳӣ [Матн] / Б.С. Негматов // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи: «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ» / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2017. – С. 155-159.

8. Гафуров, Х.М., Негматов, Б.С. Асос ва шартҳои тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ [Матн] / Х.М. Гафуров, Б.С. Негматов // Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии «Масъалаҳои мубрамиислоҳоти қонунгузории мурофиавӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ» (ш. Душанбе, 25 ноябри соли 2016) / Зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: «Визави», 2016. – С. 71-76.

9. Абдуллоев, П.С., Негматов, Б.С. Пешбурди суръатнок ва соддакардашуда дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / П.С. Абдуллоев, Б.С. Негматов // Маводҳои конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдори миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2017. – С. 190-200.

10. Негматов, Б.С. Моҳият ва вазифаҳои тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ [Матн] / Б.С. Негматов // Маводҳои конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ, ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400- солагии Миробид Сайидои Насафӣ». – Душанбе, 2019. – Ҷ. 2. – С. 197.

11. Негматов, Б.С. Таъмини ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ бо тартиби соддакардашуда [Матн] / Б.С. Негматов // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии

илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 172-177.

12. Негматов, Б.С. Пайдоиш ва инкишофи падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Б.С. Негматов // Маводи конфренсияи илми амалӣ дар мавзуи: «Рушди падидаҳои адолатӣ судӣ ва назорати прокурорӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 80-умин солгарди ҳуқуқшиносӣ шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдуллоев Н.А. ва Рӯзи Ваҳдатӣ миллӣ (ш. Душанбе, 25 июни соли 2019). – Душанбе, 2019. – С. 205-213.

13. Негматов, Б.С. Амали принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ [Матн] / Б.С. Негматов // Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми Бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Ҷ. II. – Душанбе, 2020. – С. 162.

14. Негматов, Б.С. Мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқии тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ [Матн] / Б.С. Негматов // Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистн: 10-соли амал, мушкилот ва дурнамо (маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмию амалӣ, ш. Душанбе 16-уми ноябри соли 2020) / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе, 2022. – С. 109-115.

15. Негматов, Б.С. Тартиби мурофиавии тафтиши судии соддакардашуда [Матн] / Б.С. Негматов // Мушкилотҳои қонунгузории замин дар даврони муосир: (13 октябри соли 2023) / Зери назари доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Шарифзода Ф.Ш. – Душанбе: «Меҳроҷ-граф», 2023. – С. 229-234.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Бобоҷонзода И.Ҳ.** – мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Файзиев Ш.Ф.** – директори ООО «Tadqiqot» ш. Ташкент, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Қодирзода Д.С.** – Декани факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Муродзода А.А.** – Судяи суди н. Шоҳмансури ш. Душанбе, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан ба масъалаҳои мубоҳисавии

диссертатсия, аз ҷумла, оид ба масъалаи пешбурди суръатнок, камтар истифода шудани таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ, шартҳои татбиқи падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ, бартарият ва ё камбудии падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ зимни таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мурофиавии ҷиноятии баъзе давлатҳои ИДМ, Аврупо ва ИМА, таърихи пайдоиш, ташаккул ва рушди падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ, маҳдуд гардидани ҳуқуқи судшаванда ба шикоят аз болои ҳукми судӣ аз рӯйи асосҳои дар сархати 1 ва 2 моддаи 272 КМҶ ҶТ муқарраршуда аз ҷониби судшавандае, ки парвандааш бо тартиби соддакардашуда баррасӣ гардидааст, сабаби таҳқиқ намудани истилоҳҳои «розигӣ» ва «иқрор» дар доираи падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ ва баъзе пешниҳодҳои хусусияти амалидоштаро фаро мегиранд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:**

– мафҳуми «тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ» ва мушаххас намудани табиати ҳуқуқии ин падида муайян карда шудааст;

– мавқеи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ миёни дигар намудҳои пешбурди соддакардашудаи муҳокимаи судӣ асоснок карда шудааст;

– раванди ташаккул ва рушди падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд;

– махсусиятҳои падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар давлатҳои хориҷии дуру наздик ҷиҳати коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудааст;

– таъсири тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ ба самаранокии баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва ихтисокурнии мӯҳлатҳои мурофивӣ исбот карда шудааст;

– асосҳои мурофиавӣ-ҳуқуқии татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ таҳлил карда шудааст;

– шартҳои мурофиавӣ-ҳуқуқӣ барои татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ ошкор карда шудааст;

– оқибатҳои ҳуқуқии татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ барои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ исбот карда шудааст;

– пешниҳодҳо оид ба такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ оид ба тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ таҳия шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада, мумкин аст дар такмили илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ тавассути илова намудан ва рушди ғояҳо, назарияҳо оид ба тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ, ки барои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд пешбинӣ шудааст, мусоидат намоянд. Маводҳои рисолаи диссертатсионӣ метавонанд дар раванди таълим ҳангоми омӯзиши фанҳои «Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи судӣ» ва курси махсуси «Муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ» мавриди истифода қарор гиранд. Дар баробари ин, онҳо метавонанд дар таҳияи воситаҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ ва маводҳо барои фанҳои номбаршуда истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба монанди: таҳлили диалектикӣ, низомнокӣ, таркибӣ-функсионалӣ, таҳлил ва синтез, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ, назарсанҷии иҷтимоӣ ва усули хулосабарорӣ ва ғ.

Ҳамчунин, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии таҳқиқотро ғояҳо, равишҳо ва ақидаҳои илмии донишмандони барҷастаи ватанӣ ва хориҷӣ оид ба паҳлуҳои ҷудогонаи мурофиаҳои суръатнок ва тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ ташкил медиҳанд. Дар рисола муаллиф ба таълифоти А.Е. Бочкарев, О.В. Гладишева, Н.П. Дубовик, В.В. Дяконова, В.С. Жигулич, З.Ҳ. Искандаров, И.Т. Маҳмудов, Х.М. Мирзамонзода, А.А. Плясунова, Р.Р. Раҳматҷонзода, К.А. Рибалов, С.С. Сиганенко, А.П. Тенишев ва дигарон такя намудааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои тартиби соддакардашудаи тафтиши судиро ҷамъбаст ва густариш медиҳанд. Гузашта аз ин, муқарраароти назариявии таҳияшуда ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи масоили тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ аз ҷониби дигар муҳаққиқон истифода шуда метавонад. Таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, дар баробари ин баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ёрӣ расонад. Хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳое, ки зимни таҳқиқи рисола пешниҳод шудаанд, нақши созгорро дар таҳким ва такмили қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ, бо баинобатгирии талаботҳо оид ба бунёди ҷомеаи демократӣ ва рушди ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон дошта бошанд. Онҳо метавонанд барои беҳтар намудани амалияи ҳуқуқтатбиққунии фаъолияти мақомоти судӣ зимни татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ ба мавриди истифода қарор дода шаванд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои хуқуқшиносӣ – ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқи судӣ ва курси махсуси муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ истифода бурда шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** муаллиф зимни таҳқиқ усулҳои таҳқиқи умумиилмӣ ва махсуси масъалаи гузоштаашро моҳирона истифода бурдааст. Ҳамзамон марбут ба мавзуи омӯхташаванда муаллиф ба рисолаҳои олимони ҳуқуқшиноси тоҷик ва хориҷӣ, ки масъалаҳои тартиби соддакардашудаи тафтиши судиро бо ин ё он шакл инъикос менамоянд, такя намудааст. Барои исботи саҳеҳии ҷамъбаст ва хулосаҳо диссертант ба манбаҳои гуногун – қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, монографияҳо ва рисолаҳои илмие, ки мавзуи рисоларо қисман ҳам дахолат карда бошанд, назар намудааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалии дар рисолаи диссертатсионӣ пешбинишуда, дар асоси манбаи қонунгузорӣ, амалия ва омори судии ватанӣ анҷом дода шудааст. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия инчунин бо истифода шудани чунин санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ба мисли Конститутсияи ҶТ, КМҶ ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 ва қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ исбот карда мешавад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо ширкати бевоситаи ва мустақилонаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмии ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ исбот карда мешаванд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 30-юми декабри соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Негматов Баҳодур Сафарович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 3 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** Шарипов Т.Ш.

**И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** Назаров А.Қ.

30-юми декабри соли 2023